«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.________________________**
**«21» ____ноября____соли 2025**

**ПРОТОКОЛИ № 4**

ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 10 ноябри 2025 с. ш. Душанбе

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ.**
**Котиб: Насриддинзода С.Н.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ., д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И., н.и.ҳ., дотсент Сатторов Ғ.С., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Шарипов Р.И., н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л., н.и.ҳ., дотсент Мирализода Э.Б., н.и.ҳ., дотсент Каримов Д.Б., н.и.ҳ., дотсент Сайфуллозода У.А., н.и.ҳ., дотсент Шарипов М.М., н.и.ҳ., муаллими Мирзозода Қ.Х., н.и.ҳ., ассисенти Шарифзода Р.Ф. н.и.ҳ., муаллими калон Камолов Х.С., муаллими калон Юлдошева Г.М., н.и.ҳ., муаллими калон Абдуллозода Б.В. ассистент Исматов Р.А., ассистент Зоирова П.Ҷ. ва лаборанти кафедра Насриддинзода С.Н.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии докторанти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Мушовири илмӣ** – Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат

бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур докторант Зокирзода Зафар Хайрулло баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки дар қонунгузории ҶТ ҷазои ҷиноятӣ яке аз воситаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ буда, низоми ҷазо бевосита бо сиёсати ҷиноятии давлат алоқаманд аст. Сиёсати муосири қонунгузории ҷиноятии давлат дар соҳаи ҷазо дар ду самти ба ҳам муқобил: гуманизатсия ва пурзӯргардонӣ амалӣ карда мешавад. Раванди инсондӯстии ҷазоҳои ҷиноятӣ шумораи зиёди давлатҳоро фаро мегирад ва қонунгузории ҷиноятии ватанӣ бояд ба ин масъала посухгӯ бошад. Ин аст, ки меъёрҳо ва санксияҳои қонунгузории ҷиноятӣ рӯз то рӯз ба талаботҳои принсипҳои инсондӯстӣ мувофиқ кунонида шуда истодаанд.

Низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ васеъ буда, ҷазоҳоро аз рӯи он фарқ кардан мумкин аст, ки онҳо бо маҳрум кардан аз озодии шахсе, ки ҷиноят содир кардааст ва мутаносибан бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста аст ё не. Азбаски маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун намуди ҷазо барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мебошад, давлат кӯшиш мекунад, ки мувозинати байни манфиатҳои тамоми ҷомеаро нигоҳ дошта, онро аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ҳифз намояд, вале дар баробари ин, роҳи тадбирҳои инсондӯстонаи қонунгузории ҷиноятиро нисбати ҷинояткорон пеш гирад. Чунин кӯшиши давлат мавҷудияти низоми ҷазоро муайян мекунад, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд.

Дар айни замон сиёсати қонунгузории ҷиноятӣ пайваста амалӣ карда мешавад, ки он ба васеъ намудани доираи татбиқи ба истилоҳ намудҳои алтернативаи ҷазо, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, нигаронида шудааст. Истифодаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд ба пешгирии ҷиноятҳои такрорӣ ва тарбия намудани шахсони ҷиноят содиркарда имкониятҳои васеъро фароҳам меоварад. Илова бар ин, таъин намудани чунин ҷазоҳо имкон медиҳад, ки барои нигоҳдории маҳкумшудагон хароҷоти камтар сарф гардад, ки он метавонад ба қисмати буҷети давлат таъсири мусбӣ расонад.

Ногуфта намонад, ки таҳлили қонунгузории амалкунанда, ба масъалаҳои таъин ва иҷрои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, аз мавҷуд будани мушкилоти

зиёде шаҳодат медиҳад. Дар ҳама намуди ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, судҳо ба иштибоҳ роҳ медиҳанд, ки ин ҳолат аҳаммияти таҳқиқоти илмиро дар ин самт меафзояд.

Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, аз таърихи ташаккул ва инкишофи ба худ хос бархӯрдоранд. Зарурати истифодаи онҳо дар таърих бо сабабҳои гуногун вобаста будааст: аз пасандозҳои мурофиавӣ ва молиявӣ то ноил шудан ба чунин ҳадафи аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим ва барои ҷомеа фоиданок, ба монанди кам кардани ҷиноятҳои такрорӣ, татбиқи ғояҳо ва консепсияҳои инсондӯстона. Ба масъалаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дар замони ҳозира, дар қонунгузории ҷиноятии аксари кишварҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст, то қонунгузории онҳо инсондӯстона гардад.

Таҷрибаи чандинсолаи қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кишвар нишон доданд, ки санадҳои ҳуқуқии марбут ба танзими муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи мазкур камбудиҳои назаррас доранд, ки аз қабули шитобкоронаи онҳо маншаъ мегиранд. Ҳамзамон, аз қабули санадҳои мазкур муҳлати зиёд сипарӣ гардида, бо ворид намудани тағйиру иловаҳои барзиёд меъёрҳои онҳо мураккабу душворфаҳм гардида истодаанд. Чунончи, баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ ба амалияи имрӯзаи кишвар мувофиқат намекунанд ва баъзе аз намудҳои ҷазоҳо механизми татбиқи худро гум кардаанд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., Сатторов Ғ.С., Мирализода Э.Б., Мирзозода Қ.Х. ва н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. ба докторант саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Зокирзода Зафар Хайрулло ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии докторант, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Зокирзода Зафар Хайрулло суханронӣ намуда, иброз дошт, ки докторант қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И., д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А. ва н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. баромад намуда, ба докторант тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми докторантро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Зокирзода Зафар Хайрулло муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 58 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Зокирзода Зафар Хайрулло ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 10 ноябри соли 2025, №4 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Насриддинзода С.Н.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Насриддинзода С.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

**«10» ноябри 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj